**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Мирзозода Мавлудахон Зайнӣ дар мавзӯи «Заминаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқии ислоҳоти судию ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023)**

Диссертатсияи Мирзозода Мавлудахон Зайнӣ ба яке аз масъалаҳои муҳими илми ҳуқуқ вобаста ба шароити имрӯзаи соҳибистиқлолии Тоҷикистон,ҷаҳонишавӣ, шадид гардидани масоили сиёсиву иқтисодӣ, рӯ овардан ба масъалаи арҷгузориву ҳифзи дастовардҳои миллию мазҳабӣ, фазои солим ва пос доштани арзишҳои маънавӣ, баланд бардоштани сатҳи фарҳанги сиёсӣ ва маърифати ҳуқуқии аҳолии кишвар, таҳкими ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд, ба масъалаи мубрамми рӯз – таҳқиқи ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ, хусусан ба заминаҳои иҷтимоиву ҳуқуқии он равона карда шудааст.

Вобаста ба мавзуъ инчунин, дастовардҳои фаромӯшнашавандаи таърихи давлатдории тоҷикон дар самти ислоҳоти судию ҳуқуқиро мавриди тадқиқоти илмию назариявӣ қарор дода, онҳоро ба раванди таълиму тарбия ва тақвияти маърифати ҳуқуқии аҳолӣ равона кардан ногузир аст.

Чӣ тавре маълум аст дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои давлатии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ (барои солҳои 2007-2010, 2011-2013, 2015-2017, 2019-2021) дар чор марҳила амалӣ шуданд, ки ба такмили сатҳу сифати баамалбарории адолати судӣ мусоидат намуд. Бинобар ин, омӯзиш ва тадқиқот дар ин самт давом доранд, таклифу пешниҳодҳо асоснок карда мешаванд, мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода шуда истодаанд, ки аз рӯзмарра будани масъалаҳои баррасии судии баҳсҳои ҳуқуқӣ ва аз рушди минбаъдаи асосҳои адолати судӣ шаҳодат медиҳанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид кардаанд, ки “Бояд тадбирҳое андешем, ки дар қатори кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тамоми қувваҳои солими ҷомеа ва ҳар як фарди ватандӯсту соҳибмаърифат ба муқобили ҷинояткорӣ ҳамчун зуҳуроти хатарнок сафарбар гарданд, сатҳу сифати ба амалбарории адолати судӣ дар таъмини осоиштагӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва дастовардҳои истиқлолият баланд бардошта шаванд”(

Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди 4. – Душанбе: Ирфон, 2002.- С.21; Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2021 // Сомонаи расмии www.prezident.tj.).

Рушди минбаъдаи ҳаёти ҷомеа ва муайян карда шудани дурнамои такмил додани асосҳои адолати судӣ зарурати тадқиқоти илмиро тақозо дорад. Бинобар ин, тадқиқоти масъалаҳои ҳуқуқӣ дар самти таъмини адолати судӣ ва фароҳам овардани шароити воқеии осоишта ва арзанда ба ҳар як фарди ҷомеа ногузир ва муҳим аст.

Бояд зикр кард, ки як зумра масъалаҳо дар бораи таърихи пайдоиш, масъалаҳои назариявии ташаккули паҳлуҳои ҷудогонаи ташаккулёбии адолати судӣ дар таърихи низоми давлатдорӣ аз тарафи олимони ватанию хориҷӣ, фикру андешаҳои худро дар асарҳои илмиву таълимӣ баён кардаанд, ки аҳамият ва ногузирии тадқиқотро дар ин самт тасдиқ мекунад. Чунки тадқиқоти гуногунҷабҳаи асосҳои адолати судӣ ва алоқамандии он бо рушди заминаҳои иҷтимоиву ҳуқуқӣ дар шароити амалишавии ислоҳоти судию ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло хотима наёфтааст.

Аз ин лиҳоз, такмил додани заминаҳои ҳуқуқӣ ва ниҳодӣ, инчунин амалияи судӣ яке аз мақсадҳои асосии ҳукумату давлат ба шумор рафта, дар зербанди 12, банди 3 «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» омадааст, ки яке аз асосҳои қабул намудани ин ҳуҷҷати стратегӣ - пешгирӣ ва бартараф намудани ихтилофот, номутобиқатӣ, нуқсонҳо, такроршавӣ дар қонунҳо ва хориҷ кардани меъёрҳои ҳуқуқии моҳияташонро гумкардаю камсамар мебошад.

Рӯ овардан ба осори гузаштагони маъруфи халқи тоҷик ва тамаддуни оламшумули он дар тақвияти раванди ташаккули андеша ва худшиносии миллӣ, таҳкими асосҳои ҷомеаи мутамаддини шаҳрвандӣ ва заминаи маънавии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон неруи созандае аст, ки мардуми кишварро муттаҳид менамояд. Бо ин роҳ ҳама гуна кӯшишҳои қувваҳои сиёсӣ оид ба ҷудоиандозии миллат, нооромсозии мардум бартараф гардида, мардуми кишвар бо дарки вазъият ва масъулиятшиносӣ зери парчами ваҳдату якдилӣ, худогоҳии миллӣ ва гиромидошти истиқлолияти давлатии Тоҷикистон муттаҳид мешавад. Аз ин лиҳоз, маҳз хираду адолатпешагӣ ва фарҳанги сулҳофари миллати шарафманди мо буд, ки баъди ҳазор сол имкон дод, то ба ҷомеаи башарӣ бо асолату ҳувияти миллии худ ворид гардад ва дар он мақоми шоиставу сазовори худро соҳиб шуда, манфиатҳои миллӣ ва дастовардҳои Истиқлолияти давлатиро ҳимоя намояд. Омилҳои номбаршуда рузмарра ва муҳим будани тадқиқоти илмиро дар самти такмил дода шудани асосҳои адолати судӣ ва алоқамандии онро бо заминаҳои иҷтимоиву ҳуқуқӣ

дар шароити амалишавии ислоҳоти судию ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дучанд ногузир мегардонад.

Мубрамияти заминаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқии тадқиқотро унвонҷӯ Мирзозода Мавлудахон асоснок намуда, онро заминаи ташаккули меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мурoҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ», Барномаҳои ислоҳоти судию ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2007 то 2021), фармону супоришҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Пленуми Суди Олии Тоҷикистон мешуморад.

Унвонҷӯ Мирзозода Мавлудахон қайд менамоянд, ки мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, объекти он ва мавзӯи тадқиқотро муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки бо меъёрҳои қонунгузории мурофиавии судӣ танзим шудаанд, мазмуни меъёрҳои амалкунанда, инчунин механизм, воситаҳои ҳуқуқии таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар пешбурди судӣ ташкил медиҳанд. Чунки мақсаду мазмуни фаъолияти мақомоти давлатӣ, ташкилот, муассиса ва корхонаҳоро новобаста аз тобеият, мансубият ва шакли моликият, бояд ҳуқуқу озодиҳои инсон муайян созанд, қонунҳо набояд қоидаҳои рафтореро муайян намоянд, ки ба ҳуқуқу озодиҳои инсон мувофиқ набошанд. Ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдор дар фаъолияти худ, пеш аз ҳама, бояд риояи ҳуқуқу озодиҳои инсонро ба мадди аввал гузоранд.

Мавзӯи тадқиқот маҷмӯи масъалаҳоеро дар бар гирифтааст, ки таъиноти (функсияи) адолати судиро ҳамчун механизми амалигардонии функсияи дохилии давлатӣ, ки амалӣ ва риоя гаштани ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар доираи амали меъёрҳои ҳуқуқи расмӣ таъмин менамояд, ташкил медиҳад. Эътибори расмӣ пайдо кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд кафолати риоя, иҷро, ҳимоя ва амалӣ гаштани онҳоро ифода мекунад, ки аз ҷониби давлат ва мақомоти ҳокимияти судӣ таъмин карда мешавад.

Ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқот аз он иборат аст, ки эътироф гаштан, кафолати таъмини риоя, воқеан дар амал иҷро ва таҳти ҳимоя қарор дода шудани ҳуқуқҳои инсон – ҳадафҳое мебошанд, ки минбаъд ҳуқуқ мувофиқи таъинот ва табиати аслии худ на танҳо дар доираи меъёри ҳуқуқии расмӣ,

инчунин дар амал бахри таъмини адолати иҷтимоӣ татбиқ гардад. Дар айни замон, ҳадафи моро дар рисола таҳқиқи унсурҳои сохтори дохилии асосҳои таъмини адолати судӣ, аз ҷумла принсипҳои адолати судӣ ташкил дода, таҳқиқи ҳуқуқии паҳлуҳои ҷудогонаи он вазифаҳои тадқиқотро муайян кардааст.

Инчунин дар кори диссертатсионии мазкур унвонҷӯ ҳалли вазифаҳои зеринро мувофиқи мақсад шуморидааст:- аз он ҷумла, эътироф гаштан, кафолати таъмини риоя, воқеан дар амал иҷро ва таҳти ҳимоя қарор дода шудани ҳуқуқҳои инсон – ҳадафҳое мебошанд, ки минбаъд ҳуқуқ мувофиқи таъинот ва табиати аслии худ на танҳо дар доираи меъёри ҳуқуқии расмӣ, инчунин дар амал бахри таъмини адолати иҷтимоӣ татбиқ гардад. Дар айни замон, ҳадафи моро дар рисола таҳқиқи унсурҳои сохтори дохилии асосҳои таъмини адолати судӣ, аз ҷумла принсипҳои адолати судӣ ташкил дода, таҳқиқи ҳуқуқии паҳлуҳои ҷудогонаи он вазифаҳои тадқиқотро муайян кардааст.

Навгониҳои илмии таҳқиқотии унвонҷӯ Мирзозода Мавлудахон, пеш аз ҳама, аз он иборат мебошанд, ки кори илмии мазкур аввалин кори характери монографидошта дар илми тоҷик доир ба масъалаи зикргардида мебошад, ки дар доираи он муаллиф яке аз аввалинҳо шуда, навгониҳои зеринро пешниҳод намудааст: Ташаккули муносибатҳои ҷамъиятӣ ба афкору ақида, пайдоиши таҷрибаи муайян дар низоми давлатдорӣ, танзими соҳаҳои идоракунии давлат, иқтисодӣ, иҷтимоиву ҳуқуқӣ мусоидат карда, боиси пайдоиш ва тасдиқи маҷмӯи донишҳо ва меъёри рафтор мегардад, ки бо роҳи боварӣ, эътиқод ба ин дониш-меъёрҳо самти мақсадноки амал кардан ва рушд муайян карда шудаанд. Агар ба пайдоиш ва ташаккули асосҳои адолат ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ нигарем, ба хулоса омадан мункин аст, ки асосҳои адолати судӣ ифодакунандаи натиҷаи дигаргуниҳои мақсаднок ва зинаи инкишофи таърихӣ ва ҷузъи воқеъияти ногузири ҳаёти ҷомеа мебошанд, ки бо мурури замон ҳамчун воситаи таъминкунандаи арзишҳои иҷтимоиву ҳуқуқӣ эътироф гаштаанд.

Омӯзиш ва таҳлили асосҳо ва меъёру арзишҳои таълимоти мактаби мовароуннаҳрии ҳуқуқи исломӣ оид ба адолати судӣ дар ҷараёни таълим ва омода кардани мутахассисони ин соҳа, баҳри баланд бардоштани сатҳи масъулиятшиносӣ, худшиносии миллӣ, дарк ва шинохти нақши мутафаккирони тоҷик дар инкишоф ва рушди тамаддуни ҳуқуқии инсон ногузир буда, ин раванд бояд тақвият дода шавад. Ба инобат гирифтани арзишҳои таълимоти мактаби мовароуннаҳрии ҳуқуқи исломӣ оид ба адолати судӣ дар такмил додан ва рушди ғоявии қонунгузории мурофиавии судии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ин самт яке аз тадбири муҳим ва ногузири замони муосир аст.

Ислоҳоти судию ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон баробари эълон гаштани Истиқлолияти Тоҷикистон ва қабули Конститутсияи кишвар оғоз гардид, ки самти рушду пешрафти адолати судиро дар кишвар мушаххас гардонид. Меҳвари ислоҳоти судию ҳуқуқиро дар Тоҷикистон ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ташкил дод. Тавассути меъёрҳои конститутсионӣ принсипҳои адолати судӣ шакли расмӣ гирифтанд ва хусусияти умумиҳатмӣ пайдо карданд ва амалӣ гаштани онҳо минбаъд ҳам зарурияти такмил дода шудани фаъолияти тамоми мақомоти ваколатдори давлатӣ, амалҳои мурофиавиву судиро талаб мекунад, ки ҳадафи ислоҳоти судию ҳуқуқиро дар Тоҷикистон ифода мекунанд.

Дар шакли нисбатан васеи парвандаҳо, муайян карда шудани тартиби содакардашудаи судӣ доир ба баҳсҳои гражданӣ, ҷиноятӣ, оилавӣ, маъмурӣ ва иқтисодӣ, аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар партави ислоҳоти судию ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои номбаршуда ва бартараф намудани сабабу шароитҳои дастнорас гаштани адолати судӣ ба шаҳрвандон диққат дода шавад, меъёрҳои амалкунанда такмил дода шуда, таъмини сифати риоя ва иҷрои қонунҳо беҳтар карда шаванд.

Пешрафти муносибатҳои ҷамъиятӣ зарурати шаклҳои нави ба танзимдарории муносибатҳои сиёсию иҷтимоӣ, хусусан байни шахс ва давлат, ташаккули қоидаҳои пешқадами дар амал тасдиқ ёфтаро ба миён овардааст, ки дорои заминаҳои иҷтимоӣ-фарҳангию маънавӣ, аз ҳуқуқи инсон ва анъанаҳои фарҳангӣ-маънавии миллӣ сарчашма гирифта мебошанд. Эътироф гаштан, кафолати таъмини риоя, воқеан дар амал иҷро ва таҳти ҳимоя қарор дода шудани ҳуқуқҳои инсон - қадамҳои устуворе мебошанд, ки минбаъд ҳуқуқ мувофиқи таъинот, табиати аслии худ дар меъёри ҳуқуқи расмӣ ифодаи худро ёфта, ҳадду низоми давлатдориро таҳти танзим, назорат ва тобеияти худ қарор диҳад.

Вусъати бештар бахшидан ба демократикунонии ҷомеа ва ба ҳамин роҳ гузоштани заминаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, мусоидат ба рушди иқтисодиёти мамлакат, аз ҷумла татбиқи минбаъдаи муносибатҳои нави иқтисодии ба иҷтимоиёт нигаронидашуда ва дар маҷмӯъ фароҳам овардани шароити лозима барои рушди ҳамаи соҳаҳои зиндагии ҷомеа соли 2016 омилҳои асосии ворид кардани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия гардиданд.

Асосҳои конститутсионии ба амалбарории адолати судӣ ба ҳам пайвастагӣ, ягонагӣ ва ба ҳам вобастагии қоидаҳои мурофиавии судиро дар амал таъмин намуданд. Дар ҳама зинаҳои мурофиаи судӣ принсипҳои конститутсионии ба амалбарории адолати судӣ бевосита амал мекунанд, вайрон шудан, риоя нашудани принсипҳои адолати судӣ, боиси бекор шудан ё беэътибор дониста шудани натиҷаи амалҳои мурофиавӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мегардад.Яке аз муҳимтарин асосҳои сохти конститутсионии ба амалбарории

адолати судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мубоҳиса ва баробарии тарафҳо эътироф гашт.

Такмил дода шудани қонунгузории миллӣ оид ба адолати судӣ яке аз самтҳои сиёсати ҳуқуқии кишвар мебошад, ки бо мақсади такмили фаъолияти мақомоти ҳокимияти судӣ, ҳифзи ҳуқуқ дар самти таъмини адолати иҷтимоӣ, ҳамчунин таъмини сифати мазмуни санадҳои татбиқи ҳуқуқ ва механизми амалӣ гардидани онҳо анҷом дода шуда истодааст.

Таҳлили масъалаҳои дар амал татбиқ шудани қоидаҳои мурофиавӣ зарурияти омӯзиш ва дарки дурусти меъёрҳои ҳуқуқиро дар адолати судӣ ба миён меорад, ки пайваста бо назардошти тағйироту иловаҳои қонунгузории ҷорӣ ва амалияи тафтишотию судӣ бояд ба роҳ монда шавад, то ки кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар ҷараёни пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ ба таври дақиқу якхела таъмин шаванд.

Доир ба масъалаҳои илмии таҳқиқшуда дар кори диссертатсионӣ, оид ба мукаммалгардонии қоидаҳои адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ диққат дода, ба хулоса омадан мумкин аст, ки баҳри ба меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат кардани қоидаҳои мурофиавии ҷиноятӣ, бояд ба такмил дода шудани пешниҳодҳои зерин дар қонунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамият дода шавад.

Дар баробари ин, дар кори илмии анҷомдодаи Мирзозода Мавлудахон, навгониҳои илмӣ ва пешниҳодҳо баҳри такмили қонунгузории кишвар дар самти мазкур, бо назардошти нуқтаҳои назари гуногуни олимони варзидаи ватанӣ ва берунӣ дар ин масаъала, таҳлилҳои муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва амалии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо конунгузорӣ ва амалияи дигар давлатҳои пешқадами Иттиҳоди давлатҳои мустақил ва дигар масъалаҳои марбут ба мавзӯи баррасишаванда, аҳамияти бениҳоят калон дорад.

Таҳқиқотҳои илмии унвонҷӯ Мирзозода Мавлудахон, ва пешниҳодҳои ӯ дар навгониҳои илмӣ мубрамияти мавзӯи диссертатсияро тасдиқ намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳияи он нишон медиҳанд. Нуқтаҳои илмӣ ва хулосаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ мустаҳкам карда шуда, қисмате аз онҳо дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конференсияҳо инъикоси худро ёфтаанд.

Диссертатсияи мазкур ба талаботи бандҳои 31,33-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

Мирзозода Мавлудахон қобилияти фаъолияти мустақилонаи илмӣ-эҷодӣ, таҳлилӣ, асоснок намудани фикру ақида ва мавқеи шахсии хешро доро мебошад, ки ҳамаи онҳо барои пурра ва ҳаматарафа мавриди таҳқиқ ва

омӯзиши илмӣ қарор додан ва дар ин замина, ҷамъбаст намудани таҳқиқоти мавзӯи диссертатсионӣ мусоидат намудаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ гувоҳи дониши мукаммал ва васеи назариявию амалӣ доштани унвонҷӯ доир ба ихтисоси интихобкардааш мебошад. Аз ин рӯ, диссертатсия дар мавзӯи: «Заминаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқииислоҳоти судию ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», таҳқиқоти комил ва анҷомёфта буда, муаллифи он Мирзозода Мавлудахон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст, сазовор мебошад.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, Сарходими илмии Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Зоир Ҷ.М.

Имзои Зоир Ҷ.М.-ро тасдиқ менамоям.
Нозири калони шуъбаи кадрҳои Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Шозедов Х.

27.03.2024

**Суроғаи ҷойи кор:** 734025,
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33
**Тел:** +992 985 03 85 85
**E-mail:** zoirov2009@mail.ru